Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Султон Бахтиёр дар мавзуи « Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00. 07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Низоми маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна ҳамчун низоми махсуси идоракунӣ аз маҷмуи қоидаҳо, чораҳо ва фишангҳои дастаҷамъонаи бо ҳам алоқаманд иборат буда, ба фароҳам овардани шароитҳои мусоиди рушди соҳибкории хурду миёна, баланд бардоштани самаранокии мақомоти андоз ва ҳарчӣ бештар воридшавии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ равона гардида, он дар низоми андозӣ ва маъмурикунонии он таҳқиқи амиқро тақозо менамояд. Аз ин рӯ ҳалли масъалаҳои мазкур мубрамият ва муҳиммияти мавзуи тадқиқоти илмиро муайян намудааст.

Бояд қайд намуд, ки маъмурикунонии андоз ҳанӯз дар асрҳои миёна низ дар шаклҳои гуногун роҳандозӣ гардида, барои рушди низоми андозбандӣ ва идоракунии самараноки идоракунии давлатӣ истифода бурда шуда, такмили низоми андозӣ ва дуруст ба роҳ мондани назорату санҷишҳои андозӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити мусоир низ аз фоида холӣ набуда, он ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз ва ҳарчӣ бештар воридшавии маблағҳои андозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ дар автореферат оварда шудааст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ давлат сиёсати андозӣ ва маъмурикунонии онро ба сифати фишанги махсуси фаъолияти мақомоти андоз, ки тавассути назорату санҷишҳои андозӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна татбиқ гардида, он механизми муҳими танзими муносибатҳои андозӣ ва таъмини манфиатҳои давлат ва андозсупорандагон (субъектҳои соҳибкорӣ) ба ҳисоб меравад, ки ҳамчун нишондиҳандаи муҳими муайянкунандаи сатҳу сифати хизматрасониҳои андозӣ мебошад.

Новобаста аз оне, ки унвонҷӯ дар омода намудани рисолаи илмӣ заҳмат кашида, рисоларо дар сатҳи хуби илмӣ омода намудааст, барои баланд бардоштани сифати кор чунин пешниҳодҳо менамоям.

- дар автореферат ба масъалаи рушди инноватсионии маъмурикунонии андоз дар фаъолияти соҳибкории хурду миёна камтар маълумот дода шудааст ва агар он васеътар мавриди омӯзиш қарор дода мешуд, сифати корро боз ҳам баланд мебардошт;

- дар автореферат маълумот оид ба истифодаи усулҳои низоми махсуси андозбандӣ ва маъмурикунонии он оварда нашудааст.

Камбудиҳои ҷойдошта хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифати кори илмии анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонад.

Автореферати Султон Бахтиёр дар мавзуи «Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқат карда, муалифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00. 07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Мудири кафедраи андоз ва андозбандии**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав н.и.и., дотсент** **Холов Т.А.**

Дурустии имзои Холов Т.А-ро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:**
735140 , ш.Бохтар кӯчаи Айни,67
Тел: +(992)3222-2-54-81
Факс: +(992)3222-2-22-53
E-mail: T.holov-87@mail.ru